Замимаи _____
ба фармоиши директори
Агентии назорат дар соҳаи
маориф ва илми назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» __________ соли 2025, №_____

Дастурамали мансабии
мудири бахши робитаҳои байналмилалии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб – мудири бахши робитаҳои байналмилалии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи чорум мансуб аст.

3.Мудири бахши робитаҳои байналмилалии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мудири бахш) аз тарафи директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – директор) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мудири бахш иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари бахш вогузор карда мешаванд.

6.Мудири бахш бо роҳбарон ва кормандони воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм), сохторҳои мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои мансаби мудири бахш талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ;

-4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сардори шуъбаро ба танзим медароранд;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии мудири бахш

8.Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти кормандони бахшро анҷом медиҳад.

9.Интизоми иҷроияро дар бахш назорат менамояд.

10.Маводҳои воридгардидаро ба корманди бахш барои иҷро месупорад, рафти иҷрои онҳоро ташкил ва назорат менамояд.

11.Ба кормандони бахш дар доираи ваколатҳои бахш супоришҳо медиҳад, иҷрои саривақтии онҳоро назорат менамояд.

12.Нақшаи кори нимсола (солонаи) кормандонро якҷоя бо онҳо тартиб дода, тасдиқ менамояд.

13.Нақшаи чорабиниҳои Агентиро ҷиҳати амалӣ намудани санадҳои қонунгузорӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо дар соҳаи маориф ва илм таҳия менамояд.

14.Нақшаи чорабиниҳои бахшро ҷиҳати амалӣ намудани санадҳои меъйрии ҳуқуқиро дар самти дахлдор таҳия ва тасдиқ менамояд.

15.Барномаҳои маърифатӣ, тавзеҳи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии хизматчиёни давлатиро таҳия ва татбиқ менамояд.

16.Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба директори Агентӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар дода, бо онҳо ҳамкорӣ менамояд.

17.Нақшаҳои кори бахшро таҳия ва тасдиқ намуда, иҷрои онро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

18.Иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

19.Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони бахшро таҳия, мувофиқа ва якҷоя бо роҳбари хадамоти кадрӣ ба тасдиқи дирекори Агентӣ пешниҳод менамояд.

20.Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро таҳия менамояд.

21.Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш таҳия менамояд.

22.Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш баррасӣ намуда, хулосаи Агентиро омода менамояд.

23.Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохтории Агентиро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони бахш баррасӣ намуда, хулосаи бахшро омода менамояд.

24.Дар санҷиши фаъолияти муассисаҳои таълимӣ тибқи тартиби муқарраргардида иштирок менамояд ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд.

25.Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентӣ иштирок менамояд.

26.Шаҳрвандонро қабул намуда, мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

27.Ҷиҳати эътироф ва муайян намудани аслияти ҳуҷҷати таҳсилот дар асоси муроҷиати шаҳрвандон ба муассиса ва ташкилотои хориҷи кишвар мактуб ирсол менамояд.

28.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа дар мӯҳлатҳои муқарраргардида, инчунин дар муҳлати на камтар аз се рӯз то гузаронидани баҳодиҳии фаъолият дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои уҳдадориҳои мансабие, ки дар давраи ҳисоботӣ муайян шудаанд, ҳисобот пешниҳод менамояд.

29.Лоиҳаи тафоҳумҳо, шартномаҳо, созишномаҳо ва протоколҳои байнисоҳавӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолият, пайнависии протоколҳои вохуриҳои директори Агентӣ доир ба ҳамкориҳои хориҷӣ таҳия менамояд.

30.Лоиҳаи тафоҳумномаҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм бо сохторҳои соҳавӣ, созмонҳои байналмилалии муқимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз кишвар таҳия менамояд.

31.Татбиқи созишномаҳои баимзорасидаи байнисоҳавӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илмро назорат менамояд.

32.Ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, семинарҳо, сафарҳои таълимӣ ва тадқиқотҳои муштараки илмӣ бо марказҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, доир ба вазифаҳои ба уҳдадоштаи Агентӣ ба роҳ мемонад.

33.Табодули иттилоот бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба дастовардҳои дуҷониба дар самти фаъолияти Агентиро ба роҳ мемонад.

34.Иштироки кормандони Агентиро дар кори комиссияҳо, кумитаҳо, форумҳо, симпозиумҳо, намоишгоҳҳо ва озмунҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

35.Дигар уҳдадориҳои вобаста ба фаъолияти бахш, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд иҷро менамояд.

36.Дигар дастурҳои роҳбарияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илмро иҷро менамояд.

## 4.Ҳуқуқҳои мудири бахш

37. Мудири бахш ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти бахш дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

-самтҳои фаъолияти бахшро таҳлил ва оид ба такмили фаъолияти бахш, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм таклиф пешниҳод намояд;

-маводҳои дар ихтиёри бахш ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм қарордоштаро омӯзад;

-аз маълумоти дар ихтиёри мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ қарордошта тибқи тартиби муқарраргардида истифода намояд;

-иҷрои масъалаҳои таҳти назорати бахш қарордоштаро бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва ё шахсони мансабдор дархост намояд;

-аз мақомоти дахлдор, муассисаҳои таълимӣ ва илмии дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

38.Мудири бахш дар ҳуҷҷатҳо, санадҳо, лои{а{ои фармоиш{о ва санад{ои меъёрии {yryrb, ки барои баррасb ба мудири бахш ва роҳбарияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд, ҳуқуқи имзо карданро доро мебошад.

39.Мудири бахш дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти мудири бахш

40. Мудири бахш дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

-барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

41.Мудири бахш барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда ва дигар ҳолатҳои дар дастурамали мансабии мазкур нишондодашуда тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

42. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ бо гирифтани имзо баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ ба мудири бахш супорида мешавад.

43. Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии бахш ва ё Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мудири бахш мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.